Ҳамзамон, машваратҳои сайёр барои истеҳсолотчиён дар назар аст;

- Таъсис додани қитъаҳои намоишӣ;
- Хизматрасонии машваратӣ барои фермерон ва гурӯҳои истеҳсолотчиёне, ки барои ҷорӣ намудани навовариҳо ба занҷираи арзиши иловашуда омода ҳастанд.

**Мақсади гузаронидани омӯзишҳои «Тренинг барои тренерҳо» омода намудани 100 инструктор, ки аз миёни онҳо ҳадди ақал 50 инструктори доимӣ омода шаванд.**

### Хизматрасонии машваратӣ

Дар рафти ин барнома хизматрасонии машваратии техникӣ низ барои бенифисиарҳо гузаронида мешавад.

Хизматрасонии машваратӣ дар микёси хоҷагиҳои деҳқонӣ барои истеҳсолотчиён гузаронида мешавад, ки мехоҳанд барои тақвияти занҷираи арзиши иловашудаи маҳсулот аз навовариҳо ва пешравиҳои илм бархурдор бошанд.

Чунин намуди хизматрасонӣ дар асоси талаботи хоҷагиҳои деҳқонӣ ва истеҳсолотчиён низ (агар то 50 нафар шаванд), дар шакли семинар дар мавзуҳои муайян гузаронида мешавад.

Ҳамаи хизматрасониҳои техникии машваратӣ дар асоси талаботи истеҳсолотчиёни маҳсулотҳои кишоварзӣ таҳия карда мешаванд, лекин барои фаъолиятҳои зерин низ дар назар аст:

- Таҷҳизоти муосир ва системаи обёрӣ;
- Гуногунии зироатҳои кишоварзии гаронарзиш;
- Гармхонаҳо;
- Соҳибкорӣ ва самаранокии робитаҳои байни гурӯҳҳои занҷира;
- Маркетинг ва корхонаҳои коркард;
- Кӯмак ба занҷираи арзиши иловашудаи маҳсулот.

### Тақвияти иқтидори институтсионалӣ

**Дастгирии муассисаҳои таълимии кишоварзӣ.**

Мувофиқи ин барнома Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ва 2 коллеҷи аграрӣ дастгирӣ карда мешаванд.

Бо ин мақсад барномаҳои таълимӣ ва фанҳои таълимӣ вобаста ба талаботи бозори муосир сайқал дода мешаванд.

**Дастрасӣ бо системаи маълумоти бозор барои фермерон ва корхонаҳои кишоварзӣ.**

Дар ин барнома Лоиҳа дар ҳамкорӣ бо Агентии омор ва Агентии боду ҳавосанҷии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хизматрасонии маълумотиро оид ба нархи наво аз 3 минтақаи ҷумҳурӣ ва маълумотро оид ба боду ҳаво тариқи паёмакҳои хабарӣ (СМС) ба фермерон ва корхонаҳои кишоварзӣ дастрас менамояд.

**Дастгирии ислоҳоти қонунгузорӣ ва назоратӣ**

Дар ин барнома асосан дастгирии Вазорати кишоварзӣ дар ислоҳоти пойгоҳи ҳуқуқӣ ва назоратӣ тавассути маблағгузории таҷҳизотҳои алоҳида оид ба тиҷоратикунонии хоҷагии қишлоқ дар назар аст.

1) Таҳияи системаи самаранок, тренингҳо, баланд бардоштани дониш оид ба беҳтар намудани фаъолияти соҳаи давлатӣ ва хусусӣ;

2) Ислоҳоти сиёсати андоз ва андозбандӣ оид ба истифодаи хоҷагиҳои деҳқонӣ ва маҳсулоти кишоварзӣ;

3) Таҳияи муҳити ҳуқуқӣ оид ба нуриҳо ва агрохимикатҳо мувофиқ ба стандартҳои байналмиллалӣ. Ҳамчунин гузаронидани омӯзишҳо оид ба риояи ин стандартҳо;

4) Модернизатсияи стандартҳои сифат ва амнияти озуқаворӣ.

**Суроға**

МД «Рушди соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ»
Рудаки 44, Душанбе, Тоҷикистон, 734002
Тел: (+992 37) 221-11-94
email: pmutacp@mail.ru
web: www.pmutacp.tj

WORLD BANK GROUP

Муассисаи давлатии “Рушди соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ”

# ЛОИҲАИ ТИҶОРАТИКУНОНИИ СОҲАИ КИШОВАРЗӢ



- **Маблағи умумӣ:** 22 млн. доллар ИМА
- **Донор:** Бонки Умумиҷаҳонӣ
- **Шарикон:** Вазорати кишоварзӣ ва Вазорати молия
- **Иҷрокунанда:**
- 1) Муассисаи давлатии «Рушди соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ»
- 2) Маркази татбиқи лоиҳаҳои «Дастрасӣ ба маблағгузории сабз ва маблағҳои рушди деҳот»-и Вазорати молия
- **Давраи татбиқ:** 2015-2021
- **Минтақаҳои татбиқ:** НТҶ, Вилоятҳои Хатлон ва Суғд




### Ҳадафи Лоиҳа

Баланд бардоштани сатҳи тиҷоратикунонии маҳсулоти кишоварзӣ ва тиҷоратии аграрӣ дар ноҳияҳои мақсаднок бо роҳи беҳтар намудани ҳамкориҳои самараноки иштирокчиёни занҷираи арзиши иловашудаи маҳсулоти муайян ва баланд бардоштани сатҳи дониш ва дастрасӣ ба маблағ, инчунин тақвият бахшидани иқтидори институтсионалӣ.

**Такмил додани донишҳои техникӣ ва малакаҳо барои дастгирии раванди тиҷоратикунонӣ.**

Беҳтар намудани занҷираи арзиши иловашудаи маҳсулоти муайян ва ҳамкории самаранок байни иштирокчиёни занҷира.

Ин барнома чунин фаъолиятҳоро дар бар мегирад:

а) Муайянсозӣ ва таҳияи стратегия барои ҳалли мушкилоти асосии соҳа;

б) Баланд бардоштани иқтидори истеҳсолотчиён ва дастрасӣ ба технологияҳои муосир;

в) Беҳтар намудани маълумот оид ба бозор байни иштирокчиёни занҷира аз аввал то ба охир.

Мутаносибан, фаъолияти такмил додани донишҳои техникӣ ва малакаҳо барои дастгирии раванди тиҷоратикунонӣ аз 2 кластери асосӣ иборат мебошад:

а) Чорабинӣ оид ба тақвияти занҷираи арзиши иловашудаи маҳсулот.

б) Банақшагирӣ ва роҳнамоии инкишофи иқтидор.

**а) Чорабинӣ оид ба тақвияти занҷираи арзиши иловашудаи маҳсулот.**

Дар ин аснод лоиҳа зиёда аз 12500 бенифисиарро фаро мегирад, ки аз ин 30% нафарашон бояд занҳо бошанд, ва дар атрофи занҷираи арзиши иловашудаи маҳсулоти муайян фаъолият мекунанд.

**Занҷираи арзиши иловашудаи маҳсулотҳои муайяншуда**

- Зардолу;
- Маҳсулоти ширӣ;
- Гелос;
- Себ ва нок;
- Сабзавот - помидор, қаламфури булғорӣ (болгарский перец), бойимҷон, карам, пиёз;
- Зироатҳои гармхонагӣ;
- Лимон;
- Қулфинай (клубника)
- Дигар маҳсулотҳо дар асоси имкониятҳо ва талаботи бозор дар давоми иҷрои Лоиҳа муайян мешаванд.

**Дар занҷираи арзиши иловашудаи ҳамзамон чунин фаъолиятҳо гузаронида мешаванд:**

- Таҳлили занҷираи арзиши иловашудаи маҳсулот;
- Таҳқиқоти талаботи бозор;
- Омузишҳо барои иштирокчиёни занҷира. Таъсис додани мактабҳои саҳроии фермерон;
- Машваратҳои техникӣ;
- Иштирок дар намоишгоҳҳои байналмиллалӣ ва дохилӣ;
- Ташкил ва мувофиқаи қитъаҳои намоишӣ «business model»;
- Роҳнамоии фермерон ва истеҳсолотчиён барои дастрасӣ ба қарзҳои сармоягузории миёнамӯҳлат пешниҳодҳои грантӣ).

**б) Банақшагирӣ ва роҳнамоии инкишофи иқтидор**

Барои ҳар як бенифисиари Лоиҳа зарур аст баҳри беҳтар намудани занҷираи арзиши иловашудаи маҳсулот омӯзишҳои махсуси соҳавӣ гузаранд.

**Вобаста ба ин, чунин намуди чорабиниҳо дар назар аст:**

- Таҳияи барномаҳои таълимие, ки ҳамаи модулҳои таълимиро дар бар гирад;
- Ташкил ва амалисозии омӯзишҳои «Тренинг барои тренерҳо»;
- Назорати раванди омӯзишҳо;
- Пешниҳоди машваратҳои муфид барои корхонаҳои коркард ва истеҳсолотчиён;
- Назорати фаъолиятҳои машваратӣ.

**Дар рафти барномаҳои таълимии лоиҳа бештар ба таври васеъ ба чунин фаъолиятҳо аҳамият дода мешаванд:**

- муайянсозӣ, насб ва истифодабарии таҷҳизоти нави коркард,
- корҳои баъди ҷамъоварии ҳосил, нигоҳдорӣ ва бандубасти маҳсулот,
- стандартҳои амнияти озуқаворӣи байналмилалӣ ва сифат,
- таҳияи стратегияи такмили робитаҳои байни истеҳсолкунандагон ва корхонаҳои коркард,
- идоракунӣ, малакаи музокирот, маркетинг ва назорати сифат ва талаботҳои ҳуҷҷатҳои содиротӣ,
- истифодаи Интернет ва манбаҳои истифодаи иттилоотии бозор,
- омӯзиши бозор,
- иштирок дар намоишгоҳҳои аграрӣ.

**Омӯзишҳо ва хизматрасонии машваратӣ** фаолиятҳои зеринро дар бар мегирад:

- Маблағгузории тренингҳои густурда барои истеҳсолотчиён барои гурӯҳҳои худтаъсиси хоҷагиҳои деҳқонӣ ва шахсии наздиҳавлигӣ, инчунин барои чорводорон.